*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз*

# Фановар

FANOVAR

Нашри махсус

Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

7 майи соли 2024

№ 10 (200)

## ДТТ ОРЗУҲОИ ШУМОРО АМАЛӢ МЕГАРДОНАД!

**Довталабони гиромӣ!**

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (ДТТ) 34 сол боз арзи ҳастӣ дорад ва аввалин маротиба дар таърихи Тоҷикистон барои соҳаҳои воқеии иқтисодиёти мамлакат - саноати сабук ва хӯрокворӣ мутахассисони маълумоти олидоштаро, ки то замони Истиқлолият дар хориҷи кишвар тайёр карда мешуданд, омода намуда истодааст.

Донишгоҳ дар давоми фаъолияташ 16 хазору 785 нафар мутахассиси баландихтисоси рақобатпазирро тайёр кардааст, ки ҳоло дар соҳаҳои калидии иқтисодиёти мамлакат бомуваффақият фаъолият намуда истодаанд.

Донишгоҳ барои ташкили босамари ҷараёни таълим ва дар сатҳи талаботи стандартҳои байналмилалӣ тайёр кардани мутахассисон дорои иқтидори баланди илмӣ омӯзгорӣ, заминаи мустаҳками моддию техникӣ мебошад. Зиёда аз 90 синфхона бо тахтаҳои электронӣ ва асбобҳои мултимедиявӣ ҷиҳозонида шуда, дар ҷараёни таълим ва корҳои илмию таҳқиқотӣ 940 компютери замонавӣ, 20 синфхонаи компютерӣ, 56 тахтаи электронӣ, 4 адад минбари электронӣ, 108 проектор, 32 озмоишгоҳ мавриди истифода қарор доранд.

Озмоишгоҳҳои тахассусии таълимӣ, ҳамкории васеъ бо корхонаҳои саноатӣ имконият медиҳанд, ки мутахассисон баъди хатми донишгоҳ ба талаботи бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷи мамлакат ҷавобгӯ бошанд ва соҳиби ҷойи кор гарданд. Онҳо дар давоми таҳсил ба корхонаҳои саноатӣ, бонкҳо, ширкатҳо ба таҷрибаомӯзӣ ва гузаронидани дарсҳои тахассусӣ ҷалб карда мешаванд. Донишҷӯён дар марказҳои омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ ва дизайн маҳорати касбии худро метавонанд сайқал диҳанд.

Маврид ба зикр аст, ки доираи ҳамкориҳои байналмилалии донишгоҳ васеъ буда, бо 140 таълимгоҳи олии хориҷи мамлакат ҳамкорӣ дорад. Мутахассисон аз хориҷи кишвар даъват карда шуда, аз фанҳои тахассусӣ ба донишҷӯён дарс медиҳанд. Донишгоҳ ҳар сол дар доираи барномаҳои байналмилалии ЭРАСМУС+, GIZ соҳиби чандин грантҳо мегардад, ки онҳо ба кормандон ва донишҷӯён барои дар хориҷи кишвар таҳсил ва таҷрибаомӯзӣ намудан имкониятҳои зиёд фароҳам меоранд.

Дар назди донишгоҳ фаъолият намудани Маркази Тоҷикистону Корея оид ба технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ имконият медиҳад, ки донишҷӯён забонҳои муосири барномасозиро аз худ намуда, тарзи барномарезии кори роботҳо ва таҷҳизоти бесарнишинро аз худ намоянд.

Дар донишгоҳ факултети муштараки Донишгоҳи давлатии Полотски Ҷумҳурии Беларус ва Донишгоҳи технологии Тоҷикистон фаъолият менамояд. Дар асоси низомномаи факултет донишҷӯён ду соли аввал дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон таҳсил намуда, барои давом додани таҳсил дар Донишгоҳи давлатии Полотски Ҷумҳурии Беларус имконият пайдо менамоянд

Донишгоҳ аз рӯйи 48 ихтисос дар зинаи бакалавр, аз рӯйи 36 ихтисос дар зинаи магистратура ва аз рӯйи 8 самти илмӣ докторантура аз рӯйи ихтисос PhD мутахассис тайёр мекунад.

Аз соли таҳсили 2022-2023 дар донишгоҳ ихтисоси нав - интеллекти сунъӣ таъсис дода шудааст, ки бо ҷалби мутахассисон аз Кореяи Ҷанубӣ мутобиқи талаботи стандартҳои



байналмилалӣ кадрҳои баландихтисос омода менамояд.

Дар раванди автоматикунонии фаъолияти донишгоҳ дар китобхона барномаи ба таври автоматӣ баҳисобгирии захираи китобҳо, дархости автоматии китобҳо ба роҳ монда шудааст. Инчунин, дар китобхонаи электронии донишгоҳ як толори ташкили онлайн дарсҳо мавриди истифода қарор дода шуд, ки дарсҳо бо ҷалби олимони донишгоҳҳои хориҷи кишвар гузаронида мешаванд.

Довталабони гиромӣ! Бо боварӣ гуфта метавонам, агар Шумо аз тариқи Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ихтисосҳои Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро интихоб намоед, ҳайати профессорону омӯзгорони донишгоҳ орзуҳои шуморо амалӣ мегардонанд.

**Раҳмонзода Зоир Файзалӣ,**
**ректори донишгоҳ**

**Довталабони гиромӣ! Агар Шумо мутахассиси баландихтисоси воқеан ҳам дар бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷи мамлакат рақобатпазир шудан хоҳед, ихтисосҳои Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро интихоб намоед.**

**Рамзи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №107 мебошад.**

## ЧАРО ИНТИХОБИ МАН МАҲЗ ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН АСТ?

ЧУНКИ:

-дорои ҷоизаи бонуфузи “Ситораи сифат”-и рейтинги байналмилалии муассисаҳои таҳсилоти олии Авруосиё;

-260 нафар профессору омӯзгор;

-72 нафар докторанту унвонҷӯ;

-30 озмоишгоҳи илмӣ- тахассусӣ;

-123 стипендияи номӣ, аз ҷумла 40 стипендияи Президентӣ ва 120 стипендияи байналмилалӣ дар 5 соли охир;

940 компютер ва 48 барномаи таълимӣ мебошад.

Инчунин, фароҳамсозандаи имкониятҳо ба таҳсили байналмилалӣ;

-созандаи ҷомеаи донишбунёд ва фановарӣ;

-ҳамқадами фановарии асри XXI аст.

-Дар баробари олимону омӯзгорони ватанӣ мутахассисони ботаҷрибаи хориҷиро низ ҷалб менамоянд.

-Соле ду маротиба озмуни “Ихтироъкори ҷавон” ва «Лоиҳаҳои инноватсионӣ»-ро баргузор менамоянд.

Барои ғолибони озмуни “Ихтироъкори ҷавон” ҷойи 1-ум 5000 сомонӣ, ҷойи 2-юм 3000 сомонӣ, ҷойи 3-юм 1500 сомонӣ ва барои ғолибони озмуни “Лоиҳаҳои инноватсионӣ” ҷойи 1-ум 3000 сомонӣ, ҷойи 2-юм 2000 сомонӣ, ҷойи 3-юм 1000 сомонӣ муқаррар карда шудааст.



## НОМГӮИ ИХТИСОСҲО ВА МАБЛАҒИ ТАҲСИЛИ ЯК ДОНИШҶӮ ДАР ШУЪБАҲОИ РӮЗОНА ВА ФОСИЛАВӢ – ҒОИБОНА БАРОИ СОЛИ ТАҲСИЛИ 2024-2025

| **Факултети муҳандисӣ – технологӣ** | Рӯзона | Фосилавӣ ғоибона | Рақами кластер |
|---|---|---|---|
| 1-54010105-метрология, стандарткунонӣ ва сертификатсия (саноати хӯрока) | 4100 | | 1 |
| 1-360901-мошин ва дастгоҳҳои истеҳсоли маводи хӯрока | 4470 | | 1 |
| 1-490101-технологияи нигоҳдорӣ ва коркарди ашёи хоми ғизоӣ<br>1-49 01 01 02 -технологияи истеҳсоли маҳсулоти нонӣ, макаронӣ, қаннодӣ ва консентратҳои ғизоӣ<br>1-49 01 01 03 -технологияи консервкунонӣ<br>1-49 01 01 04 -технологияи истеҳсоли маҳсулотҳои туршшаванда ва шароббарорӣ<br>1 -49 01 01 06 - технологияи равғани растанӣ<br>1-49 01 01 08 -технологияи ғизои функсионалӣ ва кӯдакона | 4470 | | 1 |
| 1-49010201-технологияи гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ | 4470 | | 1 |
| 1-49010102-технологияи шир ва маҳсулоти ширӣ | 4470 | | 1 |
| 1-910101-истеҳсоли маҳсулот ва ташкили хӯроки умумӣ | 4470 | | 1 |
| **Факултети технология ва дизайн** | | | |
| 1-1901010202-дизайни интерер | 5280 | | 1 |
| 1-19010105-дизайн (костюм ва газвор) | 5280 | | 1 |
| 1-50010107-лоиҳакашии ороиши матои нассоҷӣ | 4470 | | 1 |
| 1-50 01 01 08-технология ва таҷҳизоти истеҳсолоти наххои табиӣ | 4650 | | 1 |
| 1-500102-тарҳрезӣ ва технологияи маҳсулоти дӯзандагӣ | 4470 | | 1 |
| 1-54 01 0104 - «метрология, стандартизатсия ва сертификатсия (саноати сабук) | 4650 | 4100 | 1 |
| **Факултети технологияҳои иттилоотӣ ва интеллекти сунъӣ** | | | |
| 1-40010101 - системаҳои компютерӣ ва интернет -технологияҳо | 5280 | 4100 | 1 |
| 1-40010102 - системаҳои автоматикунонидашуда | 5280 | | 1 |
| 1-40010202 - технология ва низоми иттилоотӣ (дар иқтисодиёт) | 5280 | 4100 | 2 |
| 1-40010103 - системаҳои компютерии бонкӣ | 5280 | | 1 |
| 1-4000301- интеллекти сунъӣ | 5280 | | 1 |
| 1-40 01 01 04-системаҳои таъмини бехатарии маълумот | 5280 | | 1 |
| 1-40010107 - таъминоти математикӣ ва барномавии истеҳсолоти автоматонӣ | 5280 | | 1 |
| 1-40 01 01 08 муҳандисии барномавӣ | 5280 | | 1 |
| **Факултети менеҷмент ва маркетинги байналмилалӣ** | | | |
| 1-250103 – иқтисодиёти ҷаҳонӣ | 5280 | 4100 | 2 |
| 1-26020305 – маркетинги байналмилалӣ | 5280 | 4100 | 2 |
| 1-25010301 – идораи инвеститсияҳои хориҷӣ | 5280 | | 2 |
| 1-26020202 - менеҷменти байналмилалӣ | 5280 | 4100 | 2 |
| 1-26020208 - менеҷменти инвеститсионӣ | 5280 | 4100 | 2 |
| **Факултети иқтисодиёт ва молия** | | | |
| 1-25010201-иқтисодиёти таҳлилӣ | 5280 | | 2 |
| 1-25011024-таъмини иттилоотии бизнес | 5280 | | 1 |
| 1-250104-молия ва қарз | 5280 | 4100 | 2 |
| 1-25010805-баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар саноат | 5280 | | 2 |
| 1-250107-иқтисодиёт ва идора дар корхона | 5208 | 4100 | 2 |
| 1-25010707-идораи лоиҳаҳо | 5280 | | 2 |
| **Факултети телекоммуникатсия ва таълимоти касбӣ** | | | |
| 1-0801010701-таълимоти касбӣ (информатика) | 4650 | | 1 |
| 1-08010110 (01)-таълимоти касбӣ (дизайн) | 4470 | | 3 |
| 1-450103-шабакаҳои телекоммуникатсионӣ | 5280 | | 1 |
| 1-43010601-технологияи энергияи самарабахш дар энергетика | 4650 | | 1 |
| **Факултети муштараки Донишгоҳи давлатии Полотски Ҷумҳурии Беларус ва Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** | | | |
| 1-360701-мошинҳо ва дастгоҳҳои корхонаҳои масолеҳи сохтмонӣ | 5300 | | 1 |
| 1-70 05 01-лоиҳакашӣ, бунёд ва истифодабарии қубурҳои газу нафт ва анборҳои газу нафт | 5300 | | 1 |

**ДОВТАЛАБОНИ ГИРОМӢ! Ҳангоми интихоби ихтисосҳо ба таълимгоҳҳои олӣ Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро дар ҷойи аввал гузоред.**

**Нишонии мо: ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев 63/3, Тел. (+992 37) 234-79-88 / 234-79- 90, Нишонии электронӣ: rectorat-tut@mail.ru, Саҳифаи Интернет: http//www.tut.tj**




Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар рейтинги байналмилалӣ дар байни донишгоҳҳои Авруосиё ҷойи ифтихориро ба даст овард ва ба чоргонаи донишгоҳҳои бонуфузи Авруосиё шомил гашта, бо ҷоизаи бонуфузи "Ситораи сифат"-и рейтинги байналмилалии муассисаҳои таҳсилоти олӣ "Рейтинги донишгоҳҳои Авруосиё IAAR (IAAR-EUR) – 2022" сарфароз гардонида шуд.



**Бо мақсади густариши ҳамкориҳои судманди байналмилалӣ дар соҳаи илм ва маориф, тайёр намудани мутахассисони рақобатпазир ва табодули донишҷӯёну омӯзгорон 24-уми апрели соли 2024 ректори Донишгоҳи технологияҳои иттилоотии Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон, профессор Омирбаев Серик Мауленович ба донишгоҳ ташриф овард.**



**Барои ташкили курси тайёр намудани хӯрокҳои халқҳои ҷаҳон мутахассиси ташкилоти олмонии SES, Георг Мэдинг ба донишгоҳ ҷалб карда шуд ва тайи қариб як моҳ аз рӯи барномаи таҳияшуда ба омӯзгорону кормандон ва донишҷӯёни факултети муҳандисӣ-технологӣ машғулиятҳои назариявии амалӣ гузаронд.**



**ДАР СУРАТ: донишҷӯёни факултети технология ва дизайн ҳангоми машғулиятҳои амалӣ акс ёфтаанд.**

# ДОНИШГОҲ ДАР РАҚАМҲО

Дар сохтори донишгоҳ 8 факултет, шуъбаи магистратура, 19 кафедра, 2 марказ, инчунин филиали донишгоҳ дар шаҳри Исфара ва Литсейи инноватсионии «Душанбе» фаъолият доранд.

***

Ҳайати омӯзгорону профессорони донишгоҳ дар умум 177 нафар омӯзгори доимиро ташкил медиҳад, ки аз ин 14 нафар доктори илм ва 101 нафар номзади илм ба ҳисоб меравнд. Омӯзгорони дорои дараҷа ва унвонҳои илмидошта 65,5%-ро ташкил медиҳад, ки ин дар байни макотиби олии кишвар нишондиҳандаи дуюм мебошад.

***

Соли 2023 аз теъдоди умумии хатмкардагон 87,6% рисолаҳои хатмро бо баҳои “хуб”-у “аъло” химоя намуданд, ки нисбат ба ҳамин нишондиҳандаи соли 2022 5,1 % зиёд аст.

***

Дар соли 2023 дар умум 24 нафар, аз ҷумла, 17 нафар бакалавр ва 7 нафар магистрант сазовори дипломи “аъло» гардиданд.

***

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар тули фаъолияташ барои соҳаҳои гуногуни иқтисоди кишвар 16785 нафар мутахассисро тайёр намудааст, ки 658 нафарашон донишгоҳро бо дипломи «аъло» хатм кардаанд.

***

Дар соли тахсили 2023 аз ҷониби ҳайати омӯзгорону профессорони донишгоҳ 95 номгӯи китоб ва маводи таълимӣ, аз ҷумла, 5 китоби дарсӣ, 43 дастури таълимӣ, 36 дастури методӣ ва 11 монография таҳия ва аз чоп баровarда шудааст

***

Дар соли 2023 дар маҷмуъ 9 нафар омӯзгору корманди донишгоҳ рисолаҳои докторӣ ва номзадиашонро дар шӯроҳои диссертатсионии КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия бомуваффакият ҳимоя намуданд. Аз ҷумла, 2 рисолаи докторӣ, 1 рисолаи доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯи ихтисос ва 6 рисолаи номзадӣ.

***

Дар даври ноҳиявии озмуни ҷумҳуриявии ”Илм фурӯғи маърифат”, 22 нафар донишҷӯ ва 3 нафар омӯзгори донишгоҳ иштирок карда, 11 нафари онҳо сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гардиданд. Мудири кафедраи технологияи маснуоти нассоҷӣ, н.и.т. и.в., дотсент Фирӯз Ҷалилов дар даври шаҳрии озмуни ҷумҳуриявии ”Илм фурӯғи маърифат” дар номинатсияи “Ихтироъкорӣ ва навоварӣ” ҷойи дуюро ишғол намуд ва соҳиби 15000 сомонӣ гардид.

***

Донишгоҳ дар давоми соли 2023 дар 640 чорабинии сатҳи гуногун ширкат варзида, дар худи донишгоҳ 218 чорабинии фарҳангӣ, сиёсӣ ва варзишӣ баргузор намудааст

## НАҚШАИ ҚАБУЛИ ДОВТАЛАБОН БА ЗИНАИ МАГИСТРАТУРАИ ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ ТАҲСИЛИ 2024-2025 ТИБҚИ ИҶОЗАТНОМА АЗ 25.05.2019, АУ №0002786

| № | Рамзи ихтисос | Ихтисос | Тибқи иҷозатнома | Нақшаи қабул | Шуъбаи рӯзона | | | | | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | буҷетӣ | | | шартномавӣ | | | |
| | | | | | тоҷикӣ | русӣ | англисӣ | тоҷикӣ | русӣ | англисӣ | |
| 1. | M08010107 (01) | Таълимоти касбӣ (информатика) | 10 | 0 | | | | | | | 0 |
| 2. | M08010110 (01) | Таълимоти касбӣ (дизайн). | 10 | 0 | | | | | | | 0 |
| 3. | M1901010202 | Дизайни интерер | 10 | 0 | | | | | | | 0 |
| 4. | M19010105 | Дизайни костюм ва газвор | 10 | 10 | 2 | 2 | | 3 | 3 | | 10 |
| 5. | M25010201 | Иқтисодиёти таҳлилӣ | 10 | 0 | | | | | | | 0 |
| 6. | M250103 (01) | Иқтисодиёти ҷаҳон | 25 | 15 | 3 | 3 | | 5 | 4 | | 15 |
| 7. | M25010304 | Идораи инвеститсияҳои хориҷӣ | 10 | 0 | | | | | | | 0 |
| 8. | M250104 (10) | Молия ва қарз | 25 | 15 | 3 | 3 | | 5 | 4 | | 15 |
| 9. | M25010707 | Идораи лоиҳаҳо | 10 | 0 | | | | | | | 0 |
| 10. | M250107(11) | Иқтисодиёт ва идора дар корхона | 15 | 10 | 2 | 2 | | 3 | 3 | | 10 |
| 11. | M25011024 | Таъмини иттилоотии бизнес | 10 | 0 | | | | | | | 0 |
| 12. | M26020202 | Менеҷменти байналмилалӣ | 10 | 10 | 2 | 2 | | 3 | 3 | | 10 |
| 13. | M26020208 | Менеҷменти инвеститсионӣ | 10 | 0 | | | | | | | 0 |
| 14. | M26020210 | Менеҷмент дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ | 10 | 0 | | | | | | | 0 |
| 15. | M26020305 | Маркетинги байналмилалӣ | 10 | 0 | | | | | | | 0 |
| 16. | M27010122 | Иқтисодиёт ва идораи захираҳои обӣ | 10 | 0 | | | | | | | 0 |
| 17. | M360901 | Мошинҳо ва дастгоҳҳои истеҳсоли маводи хӯрока | 7 | 0 | | | | | | | 0 |
| 18. | M40010101 | Системаи компютерӣ ва интернет-технологияҳо | 10 | 10 | 1 | 1 | | 4 | 4 | | 10 |
| 19. | M40010102 | Системаҳои автоматикунонидашуда | 10 | 0 | | | | | | | 0 |
| 20. | M40010103 | Системаи компютерии бонкӣ | 10 | 0 | | | | | | | 0 |
| 21. | M400101 (040708) | Таъминоти барномавии технологияи иттилоотӣ | 10 | 0 | | | | | | | 0 |
| 22. | M40010202 | Технология ва низоми иттилоотӣ (дар иқтисодиёт) | 10 | 10 | 1 | 1 | | 4 | 4 | | 10 |
| 23. | M43010601 | Технологияи энергияи самарабахш дар энергетика | 10 | 10 | 1 | 1 | | 4 | 4 | | 10 |
| 24. | M450103 | Шабакаҳои телекоммуникатсионӣ | 10 | 10 | 1 | 1 | | 4 | 4 | | 10 |
| 25. | M490101 | Технологияи нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти ашёи хоми ғизоӣ | 8 | 8 | 1 | 1 | | 3 | 3 | | 8 |
| 26. | M49010201 | Технологияи гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ | 9 | 0 | | | | | | | 0 |
| 27. | M49010202 | Технологияи шир ва маҳсулоти ширӣ | 10 | 8 | 1 | 1 | | 3 | 3 | | 8 |
| 28. | M50010101 | Ресидани нахи табиӣ | 8 | 0 | | | | | | | 0 |
| 29. | M50010107 | Лоиҳакашии ороиши матои нассоҷӣ | 10 | 0 | | | | | | | 0 |
| 30. | M50010108 | Технология ва таҷҳизоти истеҳсолоти нахҳои табиӣ | 8 | 0 | | | | | | | 0 |
| 31. | M50010109 | Технологияи маводҳои нассоҷӣ | 10 | 8 | 1 | 1 | | 3 | 3 | | 8 |
| 32. | M500102 | Лоиҳакашӣ ва технологияи маҳсулоти дӯзандагӣ | 10 | 0 | | | | | | | 0 |
| 33. | M500201 | Тархрезӣ ва технологияи маҳсулот аз чарм | 10 | 0 | | | | | | | 0 |
| 34. | M54010104 | Метрология, стандартикунонӣ ва сертификатсия (саноати сабук) | 10 | 0 | | | | | | | 0 |
| 35. | M54010105 | Метрология, стандартикунонӣ ва сертификатсия (саноати хӯрока) | 10 | 10 | 2 | 2 | | 3 | 3 | | 10 |
| 36. | M91010101 | Технологияи маҳсулот ва ташкили хӯроки умумӣ | 10 | 0 | | | | | | | 0 |
| **Ҳамагӣ** | | | **385** | **134** | **21** | **21** | **0** | **47** | **45** | **0** | **134** |
| | | | | | **42** | | | **92** | | | |

***

Дар соли 2023 дар доираи “Стратегияи фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030” донишҷӯдухтарон ва бонувони донишгоҳ дар 41 чорабинии сиёсӣ, фарҳангию варзишӣ фаъолона ширкат намуданд.

***

Танҳо дар соли 2023-юм 34 нафар донишҷӯ, омӯзгор ва кормандон донишгоҳ ҷиҳати иштирок дар семинар, курсҳои такмили ихтисос, форуму конгрессҳо ва тахсил дар доираи татбиқи лоиҳаҳои байналмилалӣ ба хориҷи кишвар фиристонида шуда, 42 нафар олимону мутахассисони хориҷӣ ба донишгоҳ ташриф оварданд.

***

Дар заминаи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва созишномаи тарафайн бо Донишкадаи Шоҳ Сеҷонги Корея дар назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Маркази забономӯзии Донишкадаи Шоҳ Сеҷонги Ҷумҳурии Корея таъсис дода шуд.

# НАҚШАИ ҚАБУЛ БА ЗИНАИ ДОКТОРАНТУРА АЗ РӮИ ИХТИСОС (PHD)-И ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ ТАҲСИЛИ 2024-2025

| № | Рамзи ихтисос | Ихтисос | Тибқи иҷозатномаи АУ № 0002786 аз 30.12.2021 | | Нақшаи қабул | Ҳамагӣ | Шуъбаи рӯзона | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | Буҷетӣ | | | | Шартномавӣ | | | | Ҳамагӣ |
| | | | Рӯзона | Фосилавӣ | | | Тоҷикӣ | Русӣ | Ӯзбекӣ | Англисӣ | Тоҷикӣ | Русӣ | Ӯзбекӣ | Англисӣ | |
| 1 | 6D072400 | Мошинҳо ва таҷҳизотҳои технологӣ (аз рӯи соҳаҳо) | 9 | - | 4 | 4 | - | 1 | - | - | 2 | 1 | - | - | 4 |
| 2 | 6D072410 | Мошинҳо, агрегатҳо ва равандҳо (саноати хӯрокворӣ) | 9 | - | 4 | 4 | - | 1 | - | - | 2 | 1 | - | - | 4 |
| 3 | 6D072411 | Мошинҳо, агрегатҳо ва равандҳо (саноати сабук) | 8 | - | 3 | 3 | - | 1 | - | - | 1 | 1 | - | - | 3 |
| 4 | 6D072700 | Технологияи маҳсулоти хӯрока (аз рӯи соҳаҳои татбиқ) | 9 | - | 4 | 4 | - | 1 | - | - | 2 | 1 | - | - | 4 |
| 5 | 6D073300 | Технология ва лоиҳакашии маснуоти нассоҷӣ | 9 | - | 4 | 4 | - | 1 | - | - | 2 | 1 | - | - | 4 |
| 6 | 6D070500 | Амсиласозии математикӣ ва компютерӣ | 6 | - | 6 | 6 | 1 | 2 | - | - | 2 | 1 | - | - | 6 |
| 7 | 6D050601 | Назарияи иқтисод | 6 | - | 3 | 3 | - | 1 | - | - | 1 | 1 | - | - | 3 |
| 8 | 6D050701 | Иқтисод ва идораи хоҷагии халқ (бо нишон додани ришта ва соҳаҳои фаъолият, аз ҷумла иқтисод, ташкил ва идораи корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо; иқтисоди аҳолӣ ва демография; иқтисоди соҳибкорӣ) | 7 | - | 4 | 4 | 1 | - | - | - | 2 | 1 | - | - | 4 |
| | | **Ҳамагӣ** | 63 | - | 32 | 32 | 2 | 8 | 0 | 0 | 14 | 8 | 0 | 0 | 32 |



Ташрифи роҳбари Хадамоти байналмилалии таҳсилотии Малайзия, доктор Абдул Разоқ Аҳмад ба донишгоҳ (24.04.2024)




Намоиши мӯд. Тарроҳӣ ва дӯхти либосҳои гуногунмӯд бевосита маҳсули эҷоди гулдухтарони донишгоҳанд.

## ИНТЕЛЛЕКТИ СУНЪӢ-ТАҚОЗОИ ЗАМОН

**Бо мақсади иҷрои банди 1 протоколи № 3 аз 15 апрели соли 2021 ҷаласаи машваратии вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарони муассисаҳои илмию таълимии зертобеи вазорат ва дар робита бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи факултети технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионии ДТТ факултети технологияҳои иттилоотӣ ва интеллекти сунъӣ таъсис дода шуд .**

Дар факултет озмоишгоҳи интеллекти сунъӣ ташкил карда шудааст. Инчунин дар кафедраи барномасозӣ маҳфили илмии донишҷӯён-“Фарҳанги алгоритмӣ ва интеллекти сунъӣ” ташкил гардид, ки алҳол хуб фаъолият намуда истодааст.

Панҷ нафар муаллими кафедраи барномасозӣ ва муҳандисӣ - компютерӣ барои такмили ихтисос оид ба таҳлили коркар- ди маълумотҳои калон (BigData) аз тарафи лоиҳаи Erasmus+ ба давлатҳои Словения ва Испания фиристода шуданд.

Бо дастгирии Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ширкати TajRup ва Донишгоҳи технологии Тоҷикистон 6 нафар омӯзгори факултет ба курси такмили ихтисос оид ба интеллекти сунъӣ ҷалб гардиданд.



Мутахассиси Кореяи Ҷанубӣ ба донишҷӯёни донишгоҳ дарс гузаронида истодааст.



Дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар баробари таълиму тарбия ба соҳаи варзиш низ таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда мешавад.

**Дар сурат: лаҳзае аз ҷараёни мусобиқа оид ба волейбол.**

Фановар

Ҳафтанома бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ чоп мешавад.

САРМУҲАРРИР: Раҷабалӣ ШАРИФОВ

МУАССИС: Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Ҳайати таҳририя:
Раҳмонзода З.Ф., Тошматов М.Н., Ғаффоров А.А., Бобоев Х.Б., Ғаффоров Ф.М.,Шарифзода И.У.

Нишонии мо: 734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев 63/3

Ҳафтанома ба хотири риояи озодии афкор маводеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба ухда намегирад.

Ҳафтанома 27 декабри соли 2023 таҳти № 409/рз-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав ба хисоб гирифта шудааст.

*Ҳафтанома дар ҶДММ «Мега-принт»-и шаҳри Душанбе чоп шудааст. Адади нашр 3000 нусха*